# ХУЛОСАИ
## Шурои диссертатсионии 6D.КОА-088-и назди Донишгоҳи давлатии Данғара барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик)

Парвандаи аттестатсионии №__

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 7.02.2026, №9

Дар бораи сазовор донистани Лайламои Худойназар, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик).

Диссертатсияи Лайламои Худойназар дар мавзуи «Зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-088-и назди Донишгоҳи давлатии Данғара (суроға: Вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара, кӯчаи марказӣ-25; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2025, таҳти №2, № 34/шд) 29-уми ноябри соли 2025, суратмаҷлиси №8 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Лайламои Худойназар 11 июни соли 1990 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст ва соли 2013 факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусравро аз рӯйи ихтисоси Забон ва адабиёти тоҷик хатм кардааст.

Аз соли 2015 то соли 2017 ба ҳайси лабаранти кафедраи адабиёт, соли 2017 то соли 2019 магистранти кафедра, соли 2020 то соли 2023 докторанти кафедра ва аз соли 2024 то инҷониб ба ҳайси омӯзгори кафедраи адабиёти тоҷик фаъолият намуда истодааст.

Лайламои Худойназар соли 2020 (бо фармоиши ректор аз 29.09.2020, №2) ба ҳайси доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) дар кафедраи адабиёти тоҷики факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба кори таҳқиқӣ машғул шудааст.

Диссертатсияи Лайламои Худойназар барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) дар кафедраи адабиёти тоҷики факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав анҷом ёфтааст.

**Роҳбари илмӣ:** Аҳмадов Сафармад Гадомадович – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

**Муқарризони расмӣ:**

**Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ ва **Маликова Анзурат Садуллоевна** – номзади илмҳои филологӣ, ходими пешбари илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ тақризи мусбат пешниҳод кардаанд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – мудири кафедраи адабиёти тоҷик, доктори фалсафа (PhD), и.в. дотсенти кафедра Шамшоди Ҷамшед, эксперт – номзади илмҳои филологӣ, и.в. дотсенти кафедра Одинаева Гулбону Мадалиевна, котиби илмии ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, саромӯзгори кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна имзо гардида, бо имзою муҳри ректори муассиса, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Сафарзода Мунир Ватан пешниҳод шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Лайламои Худойназар кори баанҷомрасида ва мувофиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълифгардида буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ буда, дар корҳои илмиву таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртиботи қавӣ дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 13 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Маводди интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

**[1-М].** Худойназар, Л. Бозтоби мавзуи «Ватан» дар шеъри Ғаффоралӣ Сафар [Матн] / Лайламои Худойназар // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои иқтисодӣ ва гуманитарӣ. – Бохтар, 2020. – №1/4(80). – С. 45-48.

**[2-М].** Худойназар, Л. Инъикоси масоили иҷтимоӣ дар шеърҳои хурдҳаҷми Ғаффоралӣ Сафар [Матн] / Лайламои Худойназар // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои иқтисодӣ ва гуманитарӣ. – Бохтар, 2021. – №1/1(83). – С. 42-45.

**[3-М].** Худойназар, Л. Жанри дубайтӣ дар осори Ғаффоралӣ Сафар [Матн] / Лайламои Худойназар // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои иқтисодӣ ва гуманитарӣ. – Бохтар, 2022. – №1/3(101). – С. 34-36.

**[4-М].** Худойназар, Л. Мундариҷаи ғоявии ашъори бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар [Матн] / Лайламои Худойназар // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – №1/7. – С. 227-233.

[5-М]. Худойназар, Л. Ғаффоралӣ Сафар ва ҳавзаи адабии Хатлонзамин [Матн] / Лайламои Худойназар // «Фурӯғи илм» (Маҷаллаи байналмилалии илмӣ). – Нашрияи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. – №2(06). – С. 398-405.

**[6-М].** Аҳмадов С., Худойназар, Л. Ҷойгоҳи жанри латифа дар эҷодиёти Ғаффоралӣ Сафар [Матн] / Сафармад Аҳмадов, Лайламои Худойназар // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои иқтисодӣ ва гуманитарӣ. – Бохтар, 2025. – №1/3(137). – С. 25-30.

### II. Таълифоти муаллиф дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:

**[7-М].** Худойназар, Л. Бозтоби авзои адабии Вахшонзамин дар «Мутоиботи удабо»-и Ғаффоралӣ Сафар [Матн] / Лайламои Худойназар / Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами филология: ҳадаф ва дурнамо». – Хуҷанд: ДДХ ба номи Бобоҷон Ғафуров. – 19-уми декабри соли 2024. – С. 762-768.

**[8-М].** Худойназар, Л. Баъзе хусусиятҳои шеърҳои хурдҳаҷми Ғаффоралӣ Сафар [Матн] / Лайламои Худойназар / Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Мақоми Абурайҳони Берунӣ дар таърихи тамаддуни форс-тоҷик» бахшида ба 1050-солагии мутафаккири бузург. – Бохтар, ДДБ ба номи Носири Хусрав. – 26-27-уми майи соли 2023. – С. 399-403.

**[9-М].** Худойназар, Л. Васфи Ватан дар шеъри Ғаффоралӣ Сафар [Матн] / Лайламои Худойназар // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии вилоятӣ дар мавзуи «Занон ва рушди илми муосир» бахшида ба Рӯзи умумиҷаҳонии занон дар соҳаи илм. – Данғара. – 9-уми феврали соли 2022. – С. 142-146.

**[10-М].** Худойназар, Л. Ҷойгоҳи жанри дубайтӣ дар осори Ғаффоралӣ Сафар [Матн] / Лайламои Худойназар // Мактаб (маҷаллаи илмию методӣ ва маърифатӣ). – Душанбе, 2021. – №6. – С. 38-40.

**[11-М].** Худойназар, Л. Бозтоби масоили ахлоқӣ дар ашъори бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар [Матн] / Лайламои Худойназар // Мактаб (маҷаллаи илмию методӣ ва маърифатӣ). – Душанбе, 2023. – №8. – С. 16-20.

**[12-М].** Худойназар, Л. Суханбозӣ дар ашъори бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар [Матн] / Лайламои Худойназар // Мактаб (маҷаллаи илмию методӣ ва маърифатӣ). – Душанбе, 2024. – №1. – С. 27-30.

**[13-М].** Худойназар, Л. Мавқеи жанри чистон дар эҷодиёти Ғаффоралӣ Сафар [Матн] / Лайламои Худойназар // Мактаб (маҷаллаи илмию методӣ ва маърифатӣ). – Душанбе, 2024. – №7. – С. 21-25.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. **Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Салими Хатлонӣ мусбат буда, муқарриз ба автореферат 3 эрод гирифтааст:

1) Бо он ки диссертант ашъори бачагонаро аз қисматҳои арзишманди осори Ғаффоралӣ Сафар медонад, барои муаррифии фаслу бобҳои он дар автореферат таваҷҷуҳи камтар зоҳир намудааст.

2) Боби сеюми кор ба осори ҳаҷвии Ғаффоралӣ Сафар ихтисос дода шуда, маълум мегардад, ки адиб ҳам дар қолаби назм ва ҳам дар қолаби наср ҳаҷвияҳо офаридааст. Ба андешаи мо, беҳтар мебуд, ки муҳаққиқ ба таври оморӣ маълум менамуд, ки дар иншои ҳаҷв муаллиф бештар ба кадом қолаби сухан, яъне назм ё наср тамоюл зоҳир намуда, барои ифодаи баёни ҳаҷвӣ ва андешаҳои гуногуни ӯ кадом қолаби сухан бештар мусоидат намудааст.

3) Бо он ки автореферат бо риояи меъёрҳои забони адабӣ ва қавоиди грамматика таълиф ёфтааст, дар саҳифаҳои алоҳидаи он баъзе ғалатҳои имлоӣ ва китобат роҳ ёфтаанд.

2. **Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Бобомаллаев Илҳомҷон Ҷанобович мусбат буда, муқарриз ба автореферат 3 эрод гирифтааст:

1) Баъзе аз нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшаванда муфассалтар зикр гардидаанд. Хубтар мебуд, дар баёни ин нуктаҳо мушаххасбаёнӣ риоя мегардид.

2) Диссертант зимни муаррифии фаслу бобҳои диссертатсия дар автореферат тавозунро то андозае риоя накардааст. Яъне, агарчи қисматҳои бобҳои якуму савум ба таври муфассалу мудаллал баррасӣ гардидаанд, фаслҳои боби дуюм, ки дарбаргири вижагиҳои назми бачагонаи шоиранд, хеле мухтасар муаррифӣ шудаанд.

3) Бо он ки автореферат босаводона ва бо риояи қавоиди забонӣ иншо гардидааст, дар баъзе саҳифаҳои он, ба миқдори кам ҳам бошад, ғалатҳои техникӣ, имлоӣ ва риоя нагардидани аломатҳои китобат ба чашм мерасанд.

3. **Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи умумидонишкадавии филологияи тоҷик ва забонҳои хориҷии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода Наимова Фарзона мусбат буда, муқарриз ба автореферат 3 эрод гирифтааст:

1) Хуб мебуд, ки диссертант зимни таҳқиқу баррасии фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар ба осори илмии ӯ низ, ки дар шакли маҷмуаҳои илмӣ ба дасти чоп расидаанд, назари иҷмолӣ менамуд.

2) Дар автореферати диссертатсия назари танқидии муаллиф кам ба чашм мерасад. Хуб мешуд, ки муаллиф дар баъзе мавридҳо роҷеъ ба масъалаи мавриди таҳқиқ андешаҳои интиқодии худро баён менамуд.

3) Дар фишурдаи диссертатсия баъзан хатоҳои имлоиву китобат ба назар мерасанд.

4. **Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳо, сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов Сарварбӣ Миралиева мусбат буда, муаллифи он ба автореферат 2 эрод гирифтааст:

1) Ба андешаи мо, қисмати "Асосҳои назариявии таҳқиқ" ҳоло ҳам ба такмил ниёзманд аст.

2) Муаллифи диссертатсия зимни муаррифии бобу фаслҳои диссертатсия таносубро то андозае риоя накарда, муҳтавои баъзе қисматҳоро муфассал ва баъзе фаслҳоро мухтасар шарҳу эзоҳ додааст.

Муқарризон дар баробари муайян намудани баъзе эроду норасоиҳои автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) аҳаммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии рисолаи илмӣ, ҳамчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, ӯро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) сазовор донистаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки унвонҷӯ Лайламои Худойназар дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

– Дар такя ба назарияҳо, методҳо ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии самти адабиётшиносӣ таҳқиқи диссертатсиониро дар иртибот бо ҳаёт ва эҷодиёти Ғаффоралӣ Сафар ба анҷом расонидааст.

– Омӯзиши рӯзгор ва фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафарро ҳадафи аслии таҳқиқот маҳсуб дониста, ба хотири расидан ба ин ҳадаф як зумра масоил, амсоли: таҳияи зиндагиномаи адиб ва ҷузъиёти ҳаётии ӯ, ҳамчунин, баррасии дақиқи мероси адабии ӯро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

– Осори манзуму мансури Ғаффоралӣ Сафарро вобаста ба гуногунии жанр тасниф карда, асоситарин вижагиҳои навъии ҳар яке аз онҳоро баррасӣ кардааст.

– Асоситарин мавзуъҳои осори адибро мавриди таҳлил қарор дода, хусусиятҳои онҳоро аз ҳайси мундариҷаву ғоя ва бадеият таҳқиқ намудааст.

– Сохтори ҳунарии осори адиб ва сабки баёни ӯ ва ҳунари нигорандагӣ ва як зумра масоили дигари ба мавзуъ марбутро баррасӣ кардааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқ дар он аст, ки диссертатсия ба омӯзишу пажӯҳиши масъалаҳои камомӯхтаи адабиёти навини тоҷик дар мисоли рӯзгор ва осори Ғаффоралӣ Сафар мусоидат намуда, боиси то як андоза равшанӣ андохтан ба фаъолияти доираи адабии Хатлон дар даврони истиқлол мегардад. Аз ин рӯ, таҳлилу таҳқиқи масъалаи мавриди назар барои адабиётшиносии имрӯзаи тоҷик аз манфиат холӣ набуда, таҳқиқоти анҷомёфта барои корҳои илмии минбаъдае, ки дар ҳамин самт ҷараён мегиранд, ҳамчун манбаи маводи адабиётшиносӣ хизмат карда метавонад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки маводи диссертатсияро метавон зимни таълифи фаслу бобҳои гуногуни китобҳои дарсии таърихи адабиёти тоҷик дар даврони истиқлол, дастурҳои таълимӣ, мақола ва рисолаҳои илмӣ оид ба ҳавзаи адабии Хатлон ва намояндагони алоҳидаи он истифода бурд.

**Натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфта** барои донишомӯзони соҳаи филологияи тоҷик ҳангоми навиштани корҳои курсию рисолаҳои хатм ҳамчун маводи лозимӣ хизмат намуда, аз он зимни таълими курсу семинарҳои тахассусӣ ба ҳайси маводи дарсҳои лексионӣ ва машғулиятҳои амалӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Навгонии илмии таҳқиқ.** Диссертатсия аввалин пажӯҳиши мукаммал ва бонизом дар шинохти ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар мебошад. Дар ин таҳқиқ бори аввал вижагиҳои жанриву мавзуӣ, мундариҷаи ғоявӣ, хусусиятҳои бадеиву услубии осори адиб ва ҳунари эҷодкории ӯ бо далелҳои мушаххас нишон дода шудааст. Таҳқиқи мазкур бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик осори нависандаро, ки барои хонандагони синну соли мухталиф эҷод гардида, аз анвои гуногуни манзуму мансур иборат аст, бо таваҷҷуҳ ба маҳорати эҷодӣ ва ҳунари нигорандагии адиб фаро мегирад.

Ҳамчунин, дар диссертатсия сабки баёни нависанда, ки омӯзиши он аҳаммияти назарраси илмӣ ва амалӣ дорад, мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот иборат аз он аст, ки** дар он дар иртибот бо объект ва предмети таҳқиқ дақиқияти маълумот, дар иртибот бо ҳаҷми маводи таҳқиқ мутобиқат бо меъёри коркардҳои таҳқиқоти диссертатсионии аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон пешниҳодшуда ба назар расида, ҳаҷми интишорот ва методҳои бакоргирифтаи муаллиф низ бо меъёрҳои зикршуда мутобиқат менамояд. Хулоса ва тавсияҳои муаллиф низ дар асоси коркардҳои илмии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ иборат аз он аст, ки ӯ** дар таҳқиқоти диссертатсионии худ бар коркарди пурраи мавзуи интихобкардааш муваффақ шуда, мундариҷа ва муҳтавои таҳқиқоти ӯ бо барномаҳои илмӣ робитаи мустақим дорад ва дар он мақсад, вазифа, давраи таҳқиқ, асосҳои назариявию методологӣ ва навгонӣ ифода меёбад. Дар диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, предмет, объект ва навгонии таҳқиқ асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқ, арзишҳои назарию амалии диссертатсия ва нуктаҳои асосии ба дифоъ пешниҳодшаванда зикр шудаанд. Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар маҷаллаҳои илмӣ ба чоп расидаанд.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия **«Зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар»** ба шиносномаи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501-Адабиёти тоҷик) ва муҳтавои он ба тартиби таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст, комилан мувофиқат менамояд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои илмӣ ва нуктаҳои асосии диссертатсия дар гузориш ва маърузаҳои довталаби дараҷаи илмӣ дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла дар конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии «Масъалаҳои мубрами филология: ҳадаф ва дурнамо» дар мавзуи «Бозтоби авзои адабии Вахшонзамин дар «Мутоиботи удабо»-и Ғаффоралӣ Сафар» (Хуҷанд, ДДХ ба номи Бобоҷон Ғафуров. – 19-уми декабри соли 2024); дар конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалии «Мақоми Абурайҳони Берунӣ дар таърихи тамаддуни форс-тоҷик» бахшида ба 1050-солагии мутафаккири бузург дар мавзуи «Баъзе хусусиятҳои шеърҳои хурдҳаҷми Ғаффоралӣ Сафар» (Бохтар, ДДБ ба номи Носири Хусрав. – 26-27-уми майи соли 2023) ва дар конференсияи илмӣ-назариявии вилоятии «Занон ва рушди илми муосир» бахшида ба Рӯзи умумиҷаҳонии занон дар соҳаи илм дар мавзуи «Васфи Ватан дар шеъри Ғаффоралӣ Сафар» (Данғара. – 9-уми феврали соли 2022) инъикос гардидааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи адабиёти тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз 26.09.2025, суратҷаласаи №2 мавриди муҳокима қарор гирифта, барои дифоъ пешниҳод шудааст.

**Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия.** Мазмуни асосии диссертатсия дар 13 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла, 6 мақолаи дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи ба феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохилшуда ва 7 мақолаи дар маҷмуаҳои илмӣ ва нашрияҳои дигар чопшуда инъикос ёфтааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 9 фасл, 8 зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои амалии таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва интишорот дар мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 184 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-088-и назди Донишгоҳи давлатии Данғара аз 7-уми феврали соли 2026 дар бораи сазовор донистани Лайламои Худойназар дар мавзуи **«Зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар»**, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 11 нафар аъзои шуро, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2025, №34/шд) тасдиқ гардидаанд, иштирок доштанд, ки аз инҳо 3 нафар доктори илм ва 3 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор 11 нафар, муқобил нест, бетараф нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Саидҷаъфаров О.Ш.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Шаробова М.Қ.

**7.02.2026.**